ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои муборизa бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 4. 3. 6. Паразитология

Мубрамии мавзуи кори диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки усулҳои дар гузашта эҷод ва таҳиягардидаи чораҳои муолиҷа ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор на дар ҳама вақт ва на дар ҳама ҷой натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд, зеро ки шароитҳои табиии иқлим ва хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ гуногунанд. Норасоии акарисидҳо, таҷдиди сохтори хоҷагиҳо ё дар ҷойи хоҷагиҳои калони чорводорӣ ташкил ёфтани якчанд хоҷагиҳои иҷоравӣ, саҳҳомӣ, хусусӣ, фермерӣ, камбудии захираҳои хӯроки чорво дар минтақаҳои обёришаванда ва дигар омилҳо аз олимони соҳа талаб менамоянд, ки усулҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷи ташхисӣ, муолиҷавӣ ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдорро ҷустуҷӯ ва эҷод намоянд.

Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад аз соли 2021 ҳамчун докторант ва омӯзгори кафедраи анатомия ва гистологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолияти илмӣ мебарад. Ӯ соли 2016 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси духтури «Тибби ветеринарӣ» бо дипломи маълумоти олӣ хатм намудааст.

Дар давоми докторантиаш Ҷумазода М. М. қобилияти хуби тадқиқотӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолона иштирок кардан дар корҳои илмию амалиро нишон дод. Ӯ мавзуи муҳими илмии марбут ба омӯзиши эпизоотологияи тейлериози чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Шимолӣ, аз ҷумла паҳншавӣ ва муайян намудани интиқолдиҳандагони он – канаҳои он, инчунин таҳияи усулҳои муолиҷа ва пешгирии бемории мазкур бо истифода аз маводи муосири зиддипротозойӣ ва инсектоакарисидӣ тадқиқоти васеъ ва амиқро анҷом дод.

Диссертатсияи муаллиф аз мукаддима, 4 боб, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар мукаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи омӯзиши масъала, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум шарҳи амиқи адабиёти соҳавӣ оид ба ҳолати омӯзиши тейлериози чорвои калони шохдор ва канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳанлагони он дар Тоҷикистон, муолиҷаи кимиёвии тейлериози

чорвои калони шохдор, мубориза бо канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор ва хусусиятҳои табиию иқлимии Тоҷикистони Шимолӣ дарҷ шудааст.

Дар боби дуюм мавод ва усулҳои тадқиқот пешкаш шудааст. Дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ, яъне омӯзиши намудҳои паразитҳои хуни чорвои калони шохдор ва паҳншавии тейлериози чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Шимолӣ, фауна ва динамикаи мавсимии канаҳои иксодӣ- интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор, омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии канаҳои иксодӣ, самаранокии муолиҷавии тейлерсан, тейлерсан бо окситетрасиклини 20%, бупаркон бо нитокс -200 ва бупакон бо азитронит-М ҳангоми тейлериози чорвои калони шохдор, омӯзиши таъсири боқимондаи диазинон ва эктосан ба муқобили канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериоз, омӯзиши таъсири сифлунит флок ба муқобили канаҳои иксодӣ, самарабахшии инсектоакаритсидҳо ҳангоми дезинсексия ва дезакаризатсияи биноҳои чорводорӣ ва омӯзиши таъсири иверсект ба муқобили канаҳои иксодӣ гирд оварда шудааст.

Муаллиф муқаррар намуд, ки паразитҳои хуни чорвои калони шохдор дар шакли алоҳида (моноинвазия) ва инвазияҳои омехта (полиинвазия): *Th.annulata + A. marginale; Th.annulata + P.bigeminum; Th.annulata + P.bigeminum + A. marginale* ошкор карда мешаванд. Дар байни онҳо *Theileria annulata* бартарӣ дошт (82,0%).

Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои эпизоотологии тейлериози чорвои калони шохдор ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ба манбаҳои латентӣ (номусоиди пинҳонӣ), эпизоотӣ (амалкунанда), таҳдидкунанда ва мусоид таксим карда шуд.

Аз ҷониби унвонҷӯ муайян гардид, ки дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ 8 намуди канаҳои иксодӣ дар ҳайвоноти хонагӣ муфтхӯрӣ мекунанд Аз онҳо *Hyalomma anatolicum* (48,3%), *H. detritum* (29,5%) ва *H.asiaticum* (16,2%) бартарии зиёд дошта, интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор мебошанд.

Ҳангоми санҷиши маводи кимиётерапевтӣ муаллиф вобаста ба ҷараёни тейлериози чорвои калони шохдор самаранокии баланди муолиҷавиро (93,7-100%) бо истифода аз тейлерсан бо окситетасиклини 20%, бупаркон бо нитокс-200 ва бупакон бо азитронит дар маҷмӯъ бо маводи симптоматикӣ ва патогенетикӣ муайян кард.

Муаллиф барои мубориза бо канаҳои иксодии интиқолдиҳандаи тейлериоз дар бадани чорвои калони шохдор, инчунин бо мақсади дезинсексия ва дезакаризатсияи оғилхонаҳо истифодаи сифлунит флок, маҳлули кории сифлунит-ON ва эктосан, эмулсияи диазинон ва маҳлули тазриқии иверсект тавсия додааст.

Дар боби чорум баррасии натиҷаҳои бадастомада инъикос ёфтаанд. Дар хулосаҳо ва тавсияҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар баромадҳои муаллиф дар семинару конференсияҳои сатҳи гуногун ва мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

Дар асоси маводи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст, ки аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Илова бар ин, ӯ «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор», ки онҳо аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024 тасдиқ шуда, дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзуи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2023, №3 ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои ветеринарӣ Сахимов М.Р.
«28» 09 с.2026

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Ҳазора 45/1
Тел: +992900904700
Email: sahimovm@mail.ru

Имзои Сахимов М.Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо Курбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru
«30» 09 с.2026